## ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ,

доктори илмҳои филологӣ Саъдуллоев Ҷамшед Муллокомилович ба диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вобастагӣ ба озоду демократӣ дар солҳои Истиқлолият: дурнамоҳо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) пешниҳод шудааст.

Мусаллам аст, ки талаботи даврони Истиқлолият нисбат ба фаҳмиш ва баррасиҳои илмӣ бо назардошти вижагиҳои ташаккули матбуоти даврии Тоҷикистони пасошуравӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷумҳурӣ бо тағйироти куллӣ рӯ ба рӯ гашт, ки дар он арзишҳои нави умумибашарию демократӣ талаби замон гардиданд. Дар раванди ин тағйирот нақши ВАО, хусусан, матбуоти даврӣ назаррас буд. Барҳам додани назорати давлатии умумииттифоқӣ ба фаъолияти иттилоотӣ ба ташаккули ВАО ҳамчун муассисаи мустақили иҷтимоию сиёсӣ, ки ба фаъолияти мақомоти давлатӣ ва идоракунӣ таъсир мерасонад, мусоидат намуд.

Таҳлилу баррасӣ ва таъини нақши матбуот дар шаклҳои бунёдии ҷомеаи шаҳрвандӣ имкон медиҳад, ки он ҳамчун муассисаи самарабахш ва воситаи таъсиррасон шинохта шавад. Дар ин кори таҳқиқӣ таҳлили тамоюлҳо дар ташаккули матбуоти даврии Тоҷикистони мустақил – чун яке аз қисмҳои фазои пасошуравӣ, ба роҳ монда шудааст.

**Мубрамӣ ва аҳаммияти мавзуи** кори таҳқиқии Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ бо андешаҳои баёншуда собит гардида, ин кор ҷиҳати омӯзиши таҷрибаи таҳаввулоти васоити ахбори омма дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ошкорнамоии тамоюлоти асосии ташаккул ва амалкарди амсилаи муосири матбуоти даврии тоҷик имкон фароҳам меорад.

Дар кори диссертатсионии худ муҳаққиқ вобаста ба тасаввуроти ҷомеа оид ба қонунмандиҳои рушди ВАО дар фазои пасошуравӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оид ба вижагиҳои медианизомҳои кишварҳои алоҳидаи Осиёи Марказӣ маълумоти муфассал додааст. Ҳамзамон, муайян карда шудааст, ки низоми нави ҷомеаи демократӣ баъди ташаккул ёфтан дар худ парламентаризм, бисёрҳизбӣ, сохтани ҷомеаи шаҳрвандиро фаро гирифт

ва ин амалҳо дар тағйироти усулӣ ба медиафазои Тоҷикистон бетаъсир намонданд.

Мавзуи мавриди назар аз ҷумлаи мавзуъҳоест, ки ба истиснои баъзе паҳлуҳои шинохти назариявии ВАО-и тоҷик ба таври амиқ омӯхта нашудааст. Таҳқиқи вижагиҳои равандҳои таҳаввулотӣ дар ВАО-и чопии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2020) ҳамчун объекти таҳқиқ нав буда, то ҳол ба он назари амиқе зоҳир нашудааст. Илова бар ин, мавзуъ ва муҳтавои бобу фаслҳои диссертатсия ба доираи масоили таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии **6D050401 – Рӯзноманигорӣ ба пуррагӣ мувофиқат менамояд**.

Дар маводу мақолаҳои алоҳида ва асарҳои муҳаққиқони тоҷик роҷеъ ба ин мавзуъ ишораҳо шудаанд, вале ба таври пурра маълумоти муфассал дода нашудааст. Дар кори таҳқиқӣ бори аввал тавсифи низомнок ва маҷмуии сохтори муосири матбуоти рӯзномавӣ ва маҷаллавии кишвар ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Диссертант Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар кори таҳқиқии мазкур **навгониҳои мушаххасро** дар раванди пажӯҳиш пайгирӣ намуда, заминаҳо ва марҳилаҳои ташаккул ва рушди матбуоти давриро дар замони шуравӣ ва соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст. Нуктаи дигари навгонии таҳқиқ дар он аст, ки бори аввал эҷоди амсилаи нави матбуоти даврӣ ва амалкарди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Аҳамият ва арзиши илмию назарии кори таҳқиқии Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вобастагӣ ба озоду демократӣ дар солҳои Истиқлолият: дурнамоҳо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)», пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои илмии он метавонад ба сифати маводди назарӣ ва ёрирасон дар таҳқиқи муҳаққиқони соҳаи рӯзноманигорӣ ба таври густурда истифода шавад. Ҳамзамон, хулосаҳои бадастомада ва натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд ба сифати маводи илмӣ ва заминаҳои назарию методологӣ дар таҳқиқоти самтҳои гуногуни ихтисоси рӯзноманигорӣ аз тарафи муҳаққиқони минбаъда ба кор гирифта шаванд.

Ҷанбаи татбиқ ва арзишу аҳамияти амалии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар фаҳму дарки бештари

равандҳои вобаста ба таҳаввулоти мазмунию моҳиятӣ ва гузариши ВАО аз низоми вобастагӣ ба матбуоти даврии озоду демократӣ мусоидат карда, ҳамчунин, нақш, мақом ва ҷойгоҳи онҳо дар фазои иттилоотии кишвар муайян гарданд.

Масъалаҳо ва консепсияҳои илмии дар диссертатсия барои дифоъ пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ муҳим ва арзишманд мебошанд. Ба андешаи муҳаққиқ донишҳои илмӣ оид ба равандҳои таҳаввулотие, ки дар матбуоти тоҷик рӯй медиҳанд, аксаран ҷанбаи лаҳзавию қисматӣ доранд. Дар ин робита, таҳқиқот кӯшиши барқарор намудани манзараи тағйироту таҳаввулотро, ки дар матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯй медиҳад, фаро гирифтааст.

Заминаи назариявӣ-методологии ин кори таҳқиқӣ дар худ бархӯрди таърихиро фаро мегирад ва имкон медиҳад, ки далелҳои ошкоршуда ва падидаю зуҳурот дар қаринаю пасманзари шароитҳои мушаххаси таърихӣ мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор дода шаванд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва фаслу зерфаслҳои мантиқан мураттабу пайдарҳам, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат аст ва мундариҷаи он ба талаботи таълифи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия **7 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин теъдод 4 мақола** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои интишоршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ **мувофиқ мебошанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** бо он асоснок мегардад, ки Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар самти таълифи мақолаҳо, гузориш дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва анҷом додани кори таҳқиқӣ аз соли 2018 то ин замон заҳмат кашида, натиҷаҳо ва хулосаҳои асоснок баровардa, таҳлилу баррасиҳои ҷолиби таваҷҷуҳ ва истиқлоли андеша дорад.

**Хулоса,** диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вобастагӣ

ба озоду демократӣ дар солҳои Истиқлолият: дурнамоҳо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ:**

доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи телевизион ва
радиошунавонии факултети журналистикаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Саъдуллоев Ҷ.М.
13-уми майи соли 2025.

Нишонӣ: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Нисор Муҳаммад, бинои 5/5, ҳуҷраи 19.
Телефон: (+992) 008335556.
E-mail: sadulaev1@gmail.com

Имзои Саъдуллоев Ҷамшед Муллокомиловичро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«13» майи соли 2025.